# ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734024, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нисормуҳаммад, 13а, тел: 221-46-05,
факс: 221-70-41; www. maorif.tj, E-mail: mort@maorif.tj


№03(20)/03-374 аз «08» 02 2024
Ба №_________ аз «___» _______ соли 2024

Ба сардорони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, сардорони раёсат ва мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, директорони мактаб-интернатҳои ҷумҳуриявӣ ва Маркази ҷумҳуриявии таҳсилоти иловагӣ ва дарёфт ва рушди истеъдодҳо

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз 7 феврали соли 2024, №134 «Дар бораи амалӣ намудани қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.01.2024, №2/5» ва Низомномаи озмуни ҷумҳуриявии «Маърифтаи ҳуқуқӣ – ойини худшиносӣ» барои хонандагони синфи 8-11 муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бахшида ба 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намуда, дастур медиҳад, ки тибқи талаботи Низомнома баргузории даврҳои якум, дуюм ва сеюми озмунро ба роҳ монда, аз натиҷаи ҳар даври он ба вазорат ба таври хаттӣ ва электронӣ маълумот ирсол намоед.

Муовини вазир Зиёдулло Абдулзода

Иҷрокунанда: М.Одилзода
Тел: 227-35-76

**ФАРМОИШИ**
**ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

аз «07» 02 2024 №134 ш.Душанбе

Дар бораи амалӣ намудани қарори ҳайати мушоварaи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.01.2024, №2/5

Бо мақсади амалӣ намудани қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.01.2024, №2/5 «Дар бораи Низомномаи озмуни «Маърифати ҳуқуқӣ – ойини худшиносӣ» барои хонандагони синфҳои 8-11 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бахшида ба 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи банди 13 Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №145 тасдиқ шудааст, ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.01.2024, №2/5 «Дар бораи Низомномаи озмуни «Маърифати ҳуқуқӣ – ойини худшиносӣ»» барои хонандагони синфҳои 8-11 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бахшида ба 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди амал қарор дода шавад (замима мегардад).
2. Сардори раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ (Ш. Асомиддинзода) уҳдадор карда шавад, ки нусхаи фармоиши мазкурро дастраси сардорони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон ва сардорони раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ намуда, рафти амалӣ гардидани онро таъмин намояд.
3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазири маориф ва илм Зиёдулло Абдулзода гузошта шавад.

Асос: қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.01.2024, №2/5.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Вазир Раҳим Саидзода

Муовини вазир
Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ
Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус
Шуъбаи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисоботи молиявӣ
Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ

# ҚАРОРИ
# ҲАЙАТИ МУШОВАРАИ
# ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «29» 01 соли 2024 № 2/5 ш. Душанбе

Дар бораи Низомномаи озмуни ҷумҳуриявии
«Маърифати ҳуқуқӣ – ойини худшиносӣ» барои хонандагони синфҳои 8-11
муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бахшида ба 30-солагии Конститутсияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҷаласаи ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муовини вазири маориф ва илм – сарпарасти соҳаро «Дар бораи Низомномаи озмуни ҷумҳуриявии «Маърифати ҳуқуқӣ – ойини худшиносӣ»» барои хонандагони синфҳои 8-11 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бахшида ба 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намуда, қарор мекунад:

1. Низомномаи озмуни ҷумҳуриявии «Маърифати ҳуқуқӣ – ойини худшиносӣ»» барои хонандагони синфҳои 8-11 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бахшида ба 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ (Ш. Асомиддинзода) вазифадор карда шавад, ки нусхаи қарори мазкурро дастраси сардорони раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе ва сардорони раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ намуда, рафти амалӣ гардидани онро таъмин намояд.

3. Сардорони раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе ва сардорони раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ вазифадор карда шаванд, ки озмуни ҷумҳуриявии «Маърифати ҳуқуқӣ – ойини худшиносӣ»-ро дар асоси Низомномаи мазкур ба роҳ монанд.

4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини вазири маориф ва илм Зиёдулло Абдулзода гузошта шавад.

ДУРУСТ

Раиси ҳайати мушовара,
вазир Раҳим Саидзода

Бо карори ҳайати мушовараи
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «29» 01 соли 2024, №2/5
тасдиқ шудааст

## Низомномаи
## озмуни ҷумҳуриявии «Маърифати ҳуқуқӣ – ойини худшиносӣ» барои хонандагони синфҳои 8-11 муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бахшида ба 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

### 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи озмуни ҷумҳуриявии «Маърифати ҳуқуқӣ – ойини худшиносӣ» барои хонандагони синфҳои 8-11 муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бахшида ба 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Низомнома) дар асоси моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2023, №668 «Дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024, Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019, №599) ва Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2006, №94) таҳия гардида, тартиби ташкил ва гузаронидани озмуни ҷумҳуриявии «Маърифати ҳуқуқӣ – ойини худшиносӣ» барои хонандагони синфҳои 8-11 муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бахшида ба 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд.

2. Озмуни ҷумҳуриявии «Маърифати ҳуқуқӣ – ойини худшиносӣ» барои хонандагони синфҳои 8-11 муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бахшида ба 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – озмун) бо дарназардошти ҳавасманд намудани хонандагони синфҳои 8-11 дар самти омӯзиши фанни «Асосҳои давлат ва ҳуқуқ», «Ҳуқуқи инсон» дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, донистан ва риоя намудани қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ ташкил ва гузаронида мешавад.

3. Ташкилкунандаи озмуни ҷумҳуриявии «Маърифати ҳуқуқӣ – ойини худшиносӣ» барои хонандагони синфҳои 8-11 муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бахшида ба 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

### 2. МАҚСАДИ ОЗМУН

4. Мақсади гузаронидани озмун аз инҳо иборат аст:

- баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ, дар руҳияи эҳтиром нисбат ба волоияти қонун дар байни хонандагон, падару модарон (шахсони онҳоро ивазкунанда) ва омӯзгорон тарғиби арзишҳои ҳуқуқи инсон;
- донистани ҳуқуқ ва вазифаҳои муқарраршуда барои хонандагон ва риояи иҷрои онҳо;
- ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ, масъулияти шаҳрвандӣ, тарғиби арзишҳои миллӣ дар доираи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва демократӣ, худшиносии ҳуқуқӣ дар байни хонандагон;
- тарбия намудани малакаҳои идоракунӣ дар шаклҳои гуногуни худидоракунии хонандагон;
- ташаккули тарбияи ватандӯстӣ, ҳифзи амният ва ободии Ватан.

### 3. ТАРТИБИ БАРГУЗОРИИ ОЗМУН

5. Озмун аз чор давр иборат буда, аз моҳи апрели соли 2024 то моҳи сентябри соли 2024 ба тарзи зайл ташкил ва гузаронида мешавад:

- даври якум - моҳи апрел дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳо;
- даври дуюм - нимаи дуюми моҳи май дар раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо;
- даври сеюм - нимаи аввали моҳи июн дар маркази Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар шаҳри Ваҳдат;
- даври чоруми озмун барои ғолибони ҷойҳои 1, 2 ва 3 даври сеюм моҳи сентябр дар Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад.

### 4. КУМИТАИ ТАДОРУКОТИ ОЗМУН

5. Бо мақсади ба низом даровардани фаъолияти озмун Кумитаи тадорукоти озмун (дар даврҳои 1, 2, 3 ва 4) таъсис дода мешавад, ки аз раис, котиб ва аъзо иборат буда, бо фармоиши роҳбари аввал тасдиқ карда мешавад. Кумитаи тадорукот мақоми олии озмун махсуб ёфта, ташкилу гузаронидан ва ҷамъбасти фаъолияти озмунро ба зимма дорад.

6. Ба ҳайати Кумитаи тадорукоти даври якуми озмун директор, муовини директор оид ба тарбия, роҳбари созмони хонандагон, раиси ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба ва сармуҳосиби муассисаи таълимӣ (5 нафар) шомил карда мешаванд.

7. Ба ҳайати Кумитаи тадорукоти даври дуюми озмун сардори раёсат ё мудири шуъбаи маориф, мудири кабинети методӣ, мушовирони фанни таъриху ҳуқуқ, директори маркази таҳсилоти иловагии шаҳру ноҳияҳо, раиси иттифоқи касабаи кормандони маориф ва сармуҳосиби раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо, омӯзгорони фанни «Асосҳои давлат ва ҳуқуқ», «Ҳуқуқи инсон» (дар маҷмуъ, 7 нафар) шомил карда мешаванд.

8. Ба ҳайати Кумитаи тадорукоти даври сеюми озмун сардорон ва муовинони сардори раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд, Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе ва директори Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси иттифоқи касабаи кормандони маориф ва сармуҳосиб, кормандони матбуоти назди раёсатҳо (7 нафар) шомил карда мешаванд.

Ташкил ва баргузории даври сеюми озмун барои ғолибони даври дуюми озмун дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз тарафи Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, Кумитаи тадорукоти даври сеюми озмуни шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз ҳисоби кормандони Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (7 нафар) таъсис дода мешавад.

9. Ба ҳайати Кумитаи тадорукоти даври чорум (ҷумҳуриявӣ)-и озмун муовини вазири маориф ва илм - сарпарасти соҳа, сардорон ва сармутахассисони раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ, раёсати ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, шуъбаи таъминоти ҳуқуқии дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илм, сардори Маркази матбуоти Вазорати маориф ва илм, раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, директори Маркази ҷумҳуриявии таҳсилоти иловагии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (9 нафар) шомил мешаванд.

10. Аз тарафи кумитаҳои тадорукоти даври якуми озмун ба кумитаҳои тадорукоти даври дуюм, аз тарафи кумитаҳои тадорукоти даври дуюми озмун ба кумитаи тадорукоти даври сеюм ва аз тарафи кумитаҳои тадорукоти даври сеюми озмун ба кумитаи тадорукоти даври чорум (ҷумҳуриявӣ) дар вақти муқарраршуда, тибқи банди 5 Низомнома дархост ҷиҳати иштироки 6 довталаб дар озмун аз ҳар вилоят, шаҳр ва минтақа пешниҳод карда мешавад.

11. Кумитаи тадорукот ҷаласаи худро гузаронида, дар асоси пешниҳод ва талаботи Низомнома ҷиҳати ташкил ва гузаронидани озмун мусоидат менамояд.

12. Ваколати Кумитаи тадорукоти озмун:

- таҳияи ҷадвали баргузории озмун ва назорати он;
- пешниҳод ва тасдиқи ҳайати ҳакамон барои даврҳои якум, дуюм, сеюм ва чоруми озмун;
- таъсиси комиссияи апеллятсионӣ;
- барои ҳайати ҳакамон ва комиссияи апеллятсионӣ гузаронидани семинари машваратӣ;
- назорати риояи талабот ва пешниҳоди тавсияҳо ба довталабони озмун;
- муайян намудани ҷойи баргузории озмун;
- омӯзиши ҳуҷҷатҳои пешниҳодшудаи довталабони озмун;
- баррасии пешниҳоди ҳайати ҳакамон ва арзу шикояти довталабон;
- тасдиқи протокол ва эълони натиҷаи хулосаи ҳайати ҳакамони озмун;
- ҷамъбасти натиҷаи ниҳоӣ ва пешниҳоди он ба даврҳои минбаъда барои шиносоӣ ва маълумот.

## 5. ҲАЙАТИ ҲАКАМОНИ ОЗМУН

13. Барои таъмини баҳодиҳии босифат ба фаъолияти довталабони озмун ва муайян кардани ғолиби озмуни «Маърифати ҳуқуқӣ – ойини худшиносӣ» дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (дар даврҳои 1, 2, 3 ва 4) ҳайати ҳакамони озмун таъсис дода мешавад, ки ба он раис ва аъзо шомил мешаванд. Ҳайати ҳакамони озмун бо фармоиши роҳбари аввал тасдиқ карда мешавад.

14. Ба ҳайати ҳакамони даври якум, дуюм, сеюм намояндагони раёсат, шуъба ва бахшҳои маорифи вилоят, шаҳру ноҳияҳо, омӯзгорони фанни «Асосҳои давлат ва ҳуқуқ», «Ҳуқуқи инсон» ё таърихи ҳуқуқ ворид гардида, бо пешниҳоди комиссияи тадорукоти озмун аз ҷониби роҳбари аввал тасдиқ карда мешавад. Шахсе, ки шогирд ё узви оилаи ӯ дар озмун иштирок мекунад, ҳуқуқи ба ҳайати ҳакамон шомил гардиданро надорад. Шумораи ҳайати ҳакамон бо раису аъзо бояд 5 нафар бошад.

15. Ба ҳайати ҳакамони озмун дар даври чорум (ҷумҳуриявӣ) кормандони раёсати таҳсилоти миёнаи умумии дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илм, намояндаи ташкилоти ҷамъиятӣ, ки бо Вазорати маориф ва илм оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак ҳамкорӣ менамояд, мутахассисон ва омӯзгорони фанни «Асосҳои давлат ва ҳуқуқ», «Ҳуқуқи инсон» (5 нафар) шомил карда мешавад.

16. Ҳайати ҳакамони озмун дар фаъолияти худ Низомномаи мазкурро ба роҳбарӣ мегирад.

17. Хулосаи ҳайати ҳакамони ҳамаи даврҳои озмунро Кумитаи тадорукоти озмун баррасӣ ва тасдиқ менамояд.

18. Вазифаи ҳайати ҳакамони озмун аз инҳо иборат аст:

- фаъолияти довталаби озмунро тибқи талаботи Низомномаи мазкур таҳлил ва баҳогузорӣ менамояд;
- дар асоси ҷамъбасти нишондоди Низомнома тартиби ишғоли ҷойҳо ва ғолиби озмунро муайян менамояд.

## 6. МЕЪЁРИ АРЗЁБӢ

19. Ҳайати ҳакамони озмун ба дараҷаи маҳорат ва истеъдоди довталаб аз рӯйи меъёрҳои зерин баҳо медиҳанд:

- ҳангоми баҳогузорӣ ба маҳорати ҳозирҷавобӣ, шарҳи дурусти ҷавобҳо диққат дода мешавад;
- барои маводи чопӣ ба пешниҳоди маводи чопӣ (мақола, эссе, расмҳо, аксҳо) дар рӯзномаву маҷаллаҳои маҳаллӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ оид ба тарғиби тарбияи ҳуқуқӣ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак бартарият дода мешавад;

20. Барои навиштани эссе дар мавзуи «30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба довталабон 2 соат вақт дода мешавад;

21. Ба ҳар як довталаб барои муаррифии рӯнамо (презентатсия) дар даври чорум то 30 дақиқа вақт дода мешавад.

22. Бо мақсади баҳогузорӣ намудан ба истеъдоди довталабон ҷадвали 10-хола муқаррар карда мешавад. Дар вақти холгузорӣ ба миқдори пурраи ҷавобҳои дуруст, мазмуну муҳтавои дурусти эссеи навишташуда 10 хол, барои ҷавоби аз хуб болотар то 9 хол, барои ҷавоби хуб то 8 хол, барои ҷавоби миёна то 6 хол, барои ҷавоби аз миёна поёнтар то 4 хол ва барои ҷавоби суст 2 хол гузошта мешавад.

## 7. ДОВТАЛАБОНИ ОЗМУН

23. Дар озмун хонандагони синфҳои 8-11 муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, ки фанни «Асосҳои давлат ва ҳуқуқ», «Ҳуқуқи инсон» мехонанд, иштирок карда метавонанд.

24. Барои иштирок дар ҳама даврҳои озмун аз тарафи масъулин ба кумитаҳои тадорукоти даври навбатӣ ҳуҷҷатҳои зерин (дар шакли ҷузвдон 5 нусхагӣ) пешниҳод карда мешавад:

- дархости кумитаҳои тадорукоти озмун ҳар давра ба кумитаҳои тадорукоти давраи минбаъдаи озмун;
- нусхаи протоколи даврҳои якум, дуюм ва сеюми озмун ва ҷадвали баҳогузорӣ;
- маълумотномаи мухтасар дар бораи довталабоне, ки ҳуқуқи дар даврҳои минбаъда иштирок карданро доранд (дар алоҳидагӣ);
- намунаи корҳои эҷодӣ вобаста ба мавзуъ (мақола, шеър, эссе, аксҳо, расмҳои беҳтарин) вобаста ба тарғиби тарбияи ҳуқуқӣ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак).

25. Ҳуҷҷатҳои ба озмун фиристодашуда баргардонида намешаванд.

## 8. ШАРТҲОИ ОЗМУН

26. Озмун аз рӯйи шартҳои зерин гузаронида мешавад:

- саволу ҷавоби шифоҳӣ, хаттӣ, тестӣ дар доираи мавзуъ ва масъалаҳои ҳуқуқӣ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак;
- муаррифии рӯнамо (презентатсия) довталаб дар мавзуи «Маърифати ҳуқуқӣ – ойини худшиносӣ»;
- навиштани эссе дар мавзуи «30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
- пешниҳоди маводи чопӣ (мақола, шеър, эссе, аксҳо, расмҳои беҳтарин) дар рӯзномаву маҷаллаҳои маҳаллӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ оид ба тарғиби тарбияи ҳуқуқӣ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак.

## 9. ҶАМЪБАСТ ВА МУКОФОТОНИДАНИ ҒОЛИБОНИ ОЗМУН

27. Дар ҷамъбасти озмун 6 нафар (1 ҷойи якум, 2 ҷойи дуюм ва 3 ҷойи сеюм) ғолиб муайян карда шуда, бо ҷоизаи озмун, Диплом ва мукофоти пулӣ сарфароз гардонида мешаванд.

28. Омӯзгороне, ки шогирдонашон ғолибони даври 4 озмун мегарданд, бо нишони «Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон», «Ифтихорнома»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мукофоти пулӣ сарфароз гардонида мешаванд.

## 10. МАБЛАҒГУЗОРИИ ОЗМУН

29. Хароҷоти рафти омодагӣ ва гузаронидани даврҳои якум, дуюм ва сеюми озмун ва харочоти вобаста ба сафарбаркунии ғолибон ва омӯзгорони онҳо ба даври чоруми озмун, будубоши онҳо дар маҳалли баргузории озмун аз ҳисоби буҷети раёсати маорифи вилоятҳо, Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо ва дигар сарчашмаҳои маблағгузории бо қонунгузорӣ мувофиқ пардохт карда мешавад.

30. Харочоти рафти омодагӣ ва гузаронидани даври чоруми озмун аз суратҳисоби махсуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарикони рушд маблағгузорӣ карда мешавад.

31. Барои ҳавасмандгардонии ғолибони ҳамаи даврҳои озмун ва омӯзгорони онҳо, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалби сарпарастон иҷозат дода мешавад.

## 12. ҶОИЗАҲОИ ОЗМУН

32. Маблағи ҷоизаҳои озмуни ҷумҳуриявии «Маърифати ҳуқуқӣ – ойини худшиносӣ» барои хонандагони синфҳои 8-11 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба 30-солаги Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар шакли ҷадвал чунин мебошанд.

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Якум | 10 000 | 1 | 10 000 |
| 2. | Дуюм | 8 000 | 2 | 16 000 |
| 3. | Сеюм | 5 000 | 3 | 15 000 |
| Ҳамагӣ | | | 6 | 41 000 |

33. Маблағ барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки шогирдонашон дар озмун ҷойҳои 1, 2 ва 3 мегиранд.

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Якум, дуюм ва сеюм | 4 000 | 6 | 24 000 |
| Ҳамагӣ | | | 6 | 24 000 |

Маблағи умумӣ

| № | Ҷоиза ва харочот | Шумораи умумӣ | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1. | Барои ҷоизаҳо | 6 | 41 000 |
| 2. | Барои омӯзгорон | 6 | 24 000 |
| 3. | Харочоти иловагӣ | | 20 000 |
| Ҳамагӣ | | | 85 000 |